**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

**КАФЕДРАИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ВА ИНФОРМАТИКА**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ ОИД БА КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС

**(Барои муовинони директор оид ба корҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ - касбӣ)**

**Душанбе - 2024**

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз 30. 09. 2024, № 9 / 8 - 43 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттиб:**

**Одинаев А.Р.** - Мудири кафедраи таҳсилоти касбӣ ва информатика, номзади илмҳои фалсафа, дотсент.

**Муқарризон:**

**Бобоёров Х.** - Ходими калони илмии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ;
**Нодиров Б. -** Мудири шуъбаи хадамоти методии таҳсилоти умумии Маркази ҷумхуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муҳаррир:**

**Одинаев А.Р.** - Мудири кафедраи таҳсилоти касбӣ ва информатика, номзади илмҳои фалсафа, дотсент.

Дар барномаи таълимӣ масъалаҳои мубрами методикаи таълими муовинони директор оид ба таълим баррасӣ шудаанд. Барнома мутобиқи Стандартҳои давлатии таълимии маълумоти ибтидоӣ - касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ - касбӣ аз панҷ қисмат иборат аст: муқаррароти умумӣ; салоҳиятҳои фаннӣ; ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ; арзёбӣ; роҳнамои омӯзгор.

Дар барнома мавзӯҳо тавассути воситаҳои нави таълим (слайдҳо, тахтаи электронӣ, проектор) омӯзонида шуда, таҷрибаи кишварҳои пешрафта ба назар гирифта шудааст.

Барномаи мазкур барои шунавандагони курси такмили ихтисоси муовинони директор оид ба таълим тавсия карда мешавад.

# ПЕШГУФТОР

Барномаи намунавии таълимии курси такмили ихтисоси муовинони директор оид ба таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтдоӣ - касбӣ (Литсейҳои касбӣ ва омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ) бо назардошти талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи маълумотҳои ибтидоӣ-касбӣ», «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи давлатии ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва таълими ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандартҳои давлатии таълимии маълумоти ибтидоӣ - касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ-касбӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти таҷрибаи кишварҳои дигар таҳия гардидааст.

Барномаи таълимии мазкур барои 48 соат, ки 7 - рӯз мебошад, тартиб дода шудааст. Кафедра ва шуъбаҳои Донишкадаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон мувофиқи навгониву навовариҳо дар соҳаи маориф ба мавзӯҳои барнома тағйиротҳо ворид карда метавонанд.

Мақсади асосии барнома шинос намудани муовинони директор оид ба таълими муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, санадҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти кормандони соҳаи маориф, таълимгоҳҳо ва ташаккули салоҳияти истифодаи дастовардҳои пешқадам ва назарраси олимону мутахассисони ҷумҳурӣ ва кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи такмили методикаи таълим, аз ҷумла, истифодаи Стандарти таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Стандартҳои фаннӣ ва таълими салоҳиятнокӣ ҳангоми таҳияи нақшаи тақвимӣ ва нақшаи дарс, таълими ҳамгирои фанҳои аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба ҳам наздик, истифодаи методҳои интерактивӣ дар таълим, истифодаи воситаҳои арзёбӣ ва баланд бардоштани маҳорати касбии муовинони директор оид ба таълимии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба шумор меравад.

Тавассути барнома муовини директор оид ба таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ - касбӣ дар бораи тарзи гузаронидаи корҳои таълимӣ ва омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, моҳияти асосии сиёсати давлати дар соҳаи маориф (асосҳои илмӣ, дунявӣ ва башардустона доштани таълим), тарзи худидоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва тартиби кори дастаҷамъона маълумоти муфассал дода мешавад.

**Муқарароти умумӣ** - мафҳумҳои асосӣ, замимаи меъёрию ҳуқуқии Стандартҳои фаннӣ, соҳаи истифодаи Стандартҳо, принсипи асосии Стандартҳои фаннӣ, мақсад ва вазифаҳои Стандартҳо пешниҳод мешаванд.

**Салоҳиятҳои фаннӣ** - дар ин фасл салоҳиятҳои фаннӣ мувофиқи синф ва самтҳои таълим, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ, салоҳиятҳои тарбиявӣ - ахлоқӣ, нишондиҳандаҳои хислатҳо ва салоҳиятнокии омӯзгорон пешниҳод мегарданд.

**Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ** - дар ин фасл назария ва принсипҳои заминавии низоми таълими салоҳиятнокӣ, аз ҷумла, фардикунонии раванди таълим, принсипҳои таълими самаранок, ташаккули малакаҳои фикррони дараҷаҳои баланд, алоқамандии байнифаннӣ, стратегия ва методикаи таълими фанни таълимӣ мувофиқи низоми салоҳиятнокӣ баррасӣ мешаванд.

**Арзёбӣ** - дар ин фасл низом, восита ва методҳои арзёбии салоҳиятнокии хонандагон баррасӣ мешаванд. Намунаҳои воситаҳои арзёбӣ мувофиқи талаботи фанни таълимӣ пешниҳод гардида, ба омӯзгорон роҳҳои истифодаи воситаҳои мазкур шарҳ дода мешаванд.

**Роҳнамои омӯзгор** - дар ин фасл нақшаи муфассали дарсҳо мувофиқи бобҳои таълим ва мавзӯҳо бо назардошти ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён оварда мешавад. Дар дарсҳои мазкур салоҳияти Стандартҳо, мавзӯҳои барнома ва маводи китоби дарсӣ алоқаманд карда шудаанд.

Санҷиши тестӣ барои арзёбии дониши шунавандагон таҳия гардиданд, ки ба онҳо тағйироту иловаҳо ворид намудан мумкин аст. Рӯйхати адабиёти ба мақсаду масъалаҳои таълим вобастабуда тавсия дода мешаванд.

**Талаботи барнома.** Шунаванда дар анҷоми курси такмили ихтисос бояд дорои дониш, малака ва салоҳиятҳои зерин гарданд:

- тибқи талаботи Стандарти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи

касбӣ нақша ва барномаи таълимӣ таҳия карда метавонад;

- тибқи талаботи Низомнома ва Оинномаи муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҳуҷатҳои таълимие, ки мундариҷаи таҳсилотро муайян месозанд: нақшаи таълимӣ, барномаи таълимӣ, методҳои таълимиро дуруст ба роҳ монда метавонад;
- вазифаҳои функсионалии муовини директор оид ба корҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро дуруст дарк карда метавонад;
- усулҳои роҳбарӣ, идоракунӣ ва ҳамкории муовинони директор оид ба таълимро дуруст ба роҳ монда метавонад;
- банақшагирии фаъолияти истеҳсолӣ ва самарабахшии раванди муассисаи таҳсилоти касбиро дуруст ба роҳ монда метавонад;
- назорат оид ба ҳолати таълими назариявии муассисаи таҳсилоти касбиро хуб ба роҳ монда метавонад;
- баҳисобгирии иҷрои нақша - барномаҳои таълимии муассисаи таҳсилоти касбиро дуруст ба ҳисоб гирифта метавонад;
- ташхис, таҳлил ва баҳогузорӣ ба сифати дониш, малака ва маҳорати касбии хонандагон дар раванди дарси назария ва амалияро дуруст ба роҳ монда метавонад;
- талабот оид ба тартиби таҷҳизонидани кабинетҳои таълимии муассисаи таҳсилоти касбиро дуруст риоя карда метавонад;
- тарзи ташкил ва гузаронидани натиҷагирии дониш, сифат ва самаранокии таълим бо усули тестӣ аз фанни таълимии муассисаи таҳсилоти касбиро дуруст ба роҳ монда метавонад;
- фаъолияти Комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти касбиро дуруст ба роҳ монда метавонад;
- ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дуруст ба роҳ монда метавонад;
- банақшагирии инкишофи соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ - касбиро нақшагирӣ карда метавонад;

Салоҳиятҳои мазкур тавассути санҷишҳои тестӣ арзёбӣ мегарданд. Баъд аз хатм дар ҳолати супоридани имтиҳон ба шунавандагони курс Шаҳодатномаи хатми курс супорида мешавад.

**Гурӯҳи шунавандагон:** муовинони директор оид ба таълим.

**Шакли машғулиятҳо:** лексионӣ, истифодаи слайдҳо бо воситаи технологияи муосир, амалӣ, таҷрибавӣ, семинар ва мубоҳиса.

**Нақшаи**
**таълимии курси такмили ихтисоси муовинони директор оид ба корҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Микдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| **1.** | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| **2.** | Тахассус, такмили маҳорати касбӣ | 34 | 14 | 20 |
| **3.** | Педагогика ва психологтяи касбӣ | 8 | 4 | 4 |
| **4.** | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 2 | 2 |
| | **Ҳамагӣ** | **48** | **22** | **26** |
| | | | | |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси муовинони директор оид ба корҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| **1.** | **Такмили дониш, малака ва маҳорати касбӣ** | **34** | **14** | **20** |
| **1.1** | Ҳуҷҷатҳои таълимие, ки мундариҷаи таҳсилотро муайян месозанд: нақшаи таълимӣ, барномаи таълимӣ, методҳои таълимӣ | 2 | 1 | 1 |
| **1.2** | Вазифаҳои функсионалии муовини директор оид ба корҳои таълимӣ | 2 | 1 | 1 |
| **1.3** | Усулҳои роҳбарӣ, идоракунӣ ва ҳамкории муовинони директор оид ба таълим | 4 | 1 | 3 |
| **1.4** | Банақшагирии фаъолияти таълимӣ ва самарабахшии он | 2 | 1 | 1 |
| **1.5** | Назорат оид ба ҳолати таълими назариявӣ | 2 | 1 | 1 |
| **1.6** | Баҳисобгирии иҷрои нақша - барномаҳои таълимӣ | 2 | 1 | 1 |
| **1.7** | Ташхис, таҳлил ва баҳогузорӣ ба сифати дониш, малака ва маҳорати касбии донишҷуён дар раванди дарси назариявӣ ва амалӣ | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **1.8** | Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Категорияҳои Стандарт | 2 | 1 | 1 |
| **1.9** | Хизматрасонӣ ба аҳолӣ. | 2 | - | 2 |
| **1.10** | Талабот оид ба тартиби таҷҳизонидани кабинетҳои таълимӣ | 2 | - | 2 |
| **1.11** | Нақша ва барномаи таълимӣ | 2 | 1 | 1 |
| **1.12** | Фаъолияти роҳбарони МТИК дар идоракунии ҷараёни таълиму тарбия | 2 | 1 | 1 |
| **1.13** | Низомномаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ - касбӣ | 2 | 1 | 1 |
| **1.14** | Ташхис, таҳлил ва баҳогузорӣ ба сифати дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён дар МТИК | 2 | 1 | 1 |
| **1.15** | Тарзи ташкил ва гузаронидани натиҷагирии дониш, сифат ва самаранокии таълим бо усули тестӣ аз фанни таълимӣ | 4 | 2 | 2 |
| Эзоҳ: | . **Шунавандагон метавонанд аз нақшаи мазкур дар доираи соатҳои муайянгардида мавзӯҳои дилхоҳи худро интихоб намоянд.** | | | |

## 1. Менеҷменти сиёсӣ (2 соат)

**Мавзӯи 1. (1 соат). Истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сулҳ ва Ваҳдат дар сарзамини тоҷикон (1 соат назариявӣ)**

Истиқлолият орзӯи деринаи халқи тоҷик. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Артиши миллӣ. Системаи интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ - мақсади асосии давлати Тоҷикистон. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббускори ҳалли мушкилоти глобалӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ**

**Муовини директор оид ба таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд инҳоро донад:** Истиқлолият орзӯи деринаи халқи тоҷик, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,

рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Артиши миллӣ, системаи интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ - мақсади асосии давлати Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббускори ҳалли проблемаҳои глобалиро донад.

**Муовини директор оид ба таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** мафҳуми Истиқлолиятро медонад, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро медонад, рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Артиши миллӣ, системаи интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ - мақсади асосии давлати Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббускори ҳалли мушкилоти глобалиро медонад ва онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Мавзӯи 2. (1 соат). Ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Рушди маориф дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (1 соат назариявӣ)**

Моҳият ва принсипҳои ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маориф ҳамчун соҳаи афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат. Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи маориф. Вохӯриҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷавонон, аҳли зиё ва занони кишвар. Тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таълим. Мавқеъ ва вазифаҳои кормандони соҳаи маориф дар татбиқи сиёсати давлатиро донад ва онҳоро шарҳ дода метавонад.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ**

**Муовини директор оид ба таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд инҳоро донад:** Моҳият ва принсипҳои ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чи ифода меёбад, Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди соҳаи маориф, мавқеъ ва вазифаҳои кормандони соҳаи маориф дар татбиқи сиёсати

давлатиро медонад.

**Муовини директор оид ба таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** моҳият ва принсипҳои ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чи зуҳур меёбад, маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок дар сиёсати иҷтимоии давлат дар чи ифода мегардад, иҷрои Паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ, муҳтаво ва мақсади вохӯриҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷавонон, аҳли зиё ва занони кишвар, тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ривоҷу равнақи соҳаи маориф, мавқеъ ва вазифаҳои кормандони соҳаи маориф дар татбиқи сиёсати давлатиро медонад ва онҳоро шарҳ дода метавонад.

## 2. Такмили дониш, малака ва маҳорати касбӣ (тахассус 34 соат).

**Мавзӯи 1.1. (2 - соат). (1 - соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ). Ҳуҷҷатҳои таълимие, ки мундариҷаи таҳсилотро муайян месозанд: нақшаи таълимӣ, барномаи таълимӣ, методҳои таълими истеҳсолӣ ва тавсифномаи тахассусӣ.**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ.**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Тавсифномаи тахассусӣ чист, номгуи ихтисосҳоро донад, нақшаи таълимӣ чист, барномаи таълимӣ аз кадом қисмҳо иборат аст, фарқи барномаи таълимӣ аз нақшаи таълимӣ дар чи ифода меёбад, шаклу методҳои таълими истеҳсолӣ кадомҳоянд, намоишдиҳӣ, дастурдиҳии муқадимавӣ, дастурдиҳии ҷорӣ, дастурдиҳии хотимавиро донад.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Тавсифномаи тахассусиро медонад, номгуи ихтисосҳоро медонад, нақшаи таълимиро омода карда

метавонад, барномаи таълимиро медонад ва омода карда метавонад, фарқи барномаи таълимӣ аз нақшаи таълимӣ дар чист медонад, методҳои таълими истеҳсолиро истифода бурда метавонад, намоишдиҳӣ, дастурдиҳии муқадимавӣ, дастурдиҳии ҷорӣ, дастурдиҳии хотимавиро пай дар пай иҷро карда метавонад.

**Мавзӯи 1. 2 (2 - соат). (1 - соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ). Вазифаҳои функсионалии муовини директор оид ба корҳои таълимӣ.**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ аз чӣ иборат аст, мақсади Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чии борат аст, ӯдадориҳои асосии муовини директор оид ба корҳои таълимӣ кадом бандҳоро дар бар мегирад, ҳуқуқҳои муовини директор оид ба корҳои таълимӣ кадомҳоянд, ҷавобгарии муовини директор оид ба корҳои таълимӣ аз чӣ иборат аст.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои таълимиро медонад, мақсади Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро медонад, ӯдадориҳои асосии муовини директор оид ба корҳои таълимиро медонад ва иҷро карда метавонад, ҳуқуқҳои муовини директор оид ба корҳои таълимиро медонад ва истифода бурда метавонад, дарк мекунад ва медонад, ки ҷавобгарии муовини директор оид ба корҳои таълимӣ аз чӣ иборат аст.

**Мавзӯи 1.3. (4 - соат). (1 - соат назариявӣ, 3 - соат амалӣ). Усулҳои роҳбарӣ ва ҳамкории устоҳои таълимии гурӯҳ ва кураторон ба гурӯҳҳои таълимӣ. Усулҳои идоракунӣ ва роҳбарӣ.**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Мафҳум ва мундариҷаи мактабшиносӣ чист, мундариҷаи мактабшиносӣ, шаклҳои асосии идоракунӣ ва роҳбарии муассисаҳои таълимӣ аз чӣ иборат аст, ташкили раванди бо суботи таълим, навъи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ, расондани ёрии методӣ ба омӯзгорон, талаботи педагогӣ доир ба таҳияи нақшаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ,

таъминоти молиявии муассисаҳо, ба роҳ мондани роҳу усулҳои идоракунии дохили муассисавӣ, меъёрҳои асосии сифати баҳогузории фаъолият дар муассиса.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Мафҳум ва предмети мактабшиносиро медонад, аз чӣ иборат будани мундариҷаи мактабшиносӣ - принсипҳои асосии идоракунӣ ва роҳбарии муассисаҳои таълими-тарбиявиро медонад, раванди бо суботи таълимро ташкил карда метавонад, навъи мактабҳоро медонад, ёрии методӣ ба омӯзгоронро ташкил карда метавонад, талаботи педагогӣ доир ба таҳияи нақшаҳои таълимию тарбиявиро медонад, таъминоти молиявии муассисаҳо, роҳу усулҳои идоракунии дохили муассисавиро ба роҳ монда метавонад, меъёрҳои асосии сифати баҳогузории фаъолият дар муассисаи таълимиро риоя карда метавонад.

**Мавзӯи 1.4. (2 - соат). (1 - соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ). Банақшагирии фаъолияти таълимӣ ва самарабахшии он.**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ (2 соат назариявӣ, 2 соат амалӣ)**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Ба нақшагирӣ кардани қисмати таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ чӣ талабот дорад, модели фаъолият чи гуна аст, ва қисматҳои дастурдиҳӣ кадомҳоянд, дастурдиҳии асосӣ, назорати дастурдиҳӣ, қисматҳои дастурдиҳӣ.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** раванди таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба нақшагирӣ карда метавонад, оид ба модели фаъолият ва қисматҳои дастурдиҳӣ маълумот дода метавонад, дастурдиҳии асосӣ, назорати дастурдиҳӣ, қисматҳои дастурдиҳиро ба роҳ монда метавонад.

**Мавзӯи 1.5. (2 - соат). (1 - соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ).**
**Назорат оид ба ҳолати таълимӣ**.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Моҳияти назорати педагогӣ аз тарафи роҳбарияти таълимгоҳ доир ба ҳолати таълими назариявӣ дар чи ифода меёбад, мақсади иштирок ба дарсҳо аз чи иборат мебошад, санҷиши умумӣ ва ҷории ҳолати корҳои таълим ва тарбия, омӯзиши системаи кории омӯзгорон, омӯзиши тематикии машғулият, таҳлили умумии

дарс, ташкили дарс ва методҳои таълим.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Моҳияти назорати педагогӣ аз ҷониби роҳбарияти таълимгоҳ доир ба ҳолати таълими назариявӣ чи тавр ба роҳ монда мешавад, мақсади иштирок ба дарсҳо аз чи иборат мебошад, санҷиши умумӣ ва ҷории ҳолати корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, омӯзиши системаи кории омӯзгорон, омӯзиши тематикии машғулият, таҳлили умумии дарс, ташкили дарс ва методҳои таълимро медонад.

**Мавзӯи 1.6. (2 - соат). (1 - соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ). Баҳисобгирии иҷрои нақша - барномаҳои таълимӣ. Баҳисобгирии азхудкунӣ.**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Баҳисобгирии иҷрои нақшаҳои таълимӣ чист, баҳисобгирии иҷрои барномаҳои таълимӣ чӣ гуна ба роҳ монда мешавад, баҳисобгирии азхудкунӣ, баҳисобгирии азхудкунии ҷорӣ, пурсиш дар дарс чӣ гуна ба роҳ монда мешавад, дарс, пурсиши фардӣ чист, баҳои нимсола, баҳои солона.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Баҳисобгирии иҷрои нақшаҳои таълимиро ба роҳ монда метавонад, баҳисобгирии иҷрои барномаҳои таълимӣ, баҳисобгирии азхудкунӣ, баҳисобгирии азхудкунии ҷорӣ, пурсиш дар дарсро иҷро карда метавонад, дарс, пурсиши фардӣ чист, баҳои нимсола, баҳои солонаро гузошта метавонад.

**Мавзӯи 1.7. (2 - соат). (1 - соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ). Ташхис, таҳлил ва баҳогузорӣ ба сифат дониш, малака ва маҳорати касбии донишҷӯён дар раванди машғулият**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Дарси татбиқи дониш, машғулиятҳои лабораторӣ - амалӣ, дарси такрор, мустаҳкамкунӣ ва ҷамбасткунии дониш, сохтори дарс, дарси санҷишӣ ва баҳодиҳии дониш ва малака чӣ гуна ба роҳ монда мешавад, корҳои санҷишии хаттӣ ва графикӣ барои чӣ гузаронида мешаванд, мавқеъ ва нақши ташхис дар ҷараёни таълим дар чист.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби**

**салоҳияти зерин шавад:** Дарси татбиқи дониш, машғулиятҳои лабораторӣ - амалӣ гузаронида метавонад, дарси такрор, мустаҳкамкунӣ ва ҷамбасткунии дониш, сохтори дарсро тартиб дода метавонад, дарси санҷишӣ ва баҳодиҳии дониш ва малака, корҳои санҷишии хаттӣ ва графикиро иҷро карда метавонад, мавқеъ ва нақши ташхис дар ҷараёни таълимро медонад.

**Мавзӯи 1.8. (2 - соат). (1 - соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ). Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ. Категорияҳои стандарт**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Стандарти давлатии таҳсилот чист, Стандарткунонӣ чист, муҳимияти стандарткунонӣ аз чи борат аст, принсипҳои асосии стандартизатсиякунонии таҳсилот дар чӣ аст, мақсадҳои асосии стандартизатсияи таҳсилот аз чӣ иборат мебошад, мафҳумҳои асосӣ дар соҳаи стандартизатсияи таҳсилот, стандартизатсиякунонӣ ва стандарти таҳсилот, категорияҳои стандарт кадомҳоянд, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, Оиннома ва дурнамои муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, Сохтори идории соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (ТИК).

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Стандарти давлатии таҳсилот, Стандарткунонӣ, муҳимияти стандарткунонӣ дар чист, принсипҳои асосии стандартизатсиякунонии таҳсилот дар чӣ аст, мақсадҳои асосии стандартизатсияи таҳсилот аз чӣ иборат мебошад, мафҳумҳои асосӣ дар соҳаи стандартизатсияи таҳсилотро гуфта метавонад, Стандартизатсиякунонӣ ва стандарти таҳсилот, категорияҳои стандарт кадомҳоянд, Низомномаи намунавии муассисаҳои тахсилоти ибтидоии касбӣ, Оиннома ва дурнамои муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, сохтори идории соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (ТИК)-ро тартиб дода метавонад.

**Мавзӯи 1.9. (2 соат, амалӣ). Хизматрасонӣ ба аҳолӣ.**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Хизматрасонии таҳсилот чӣ гуна ба роҳ монда мешавад, бозори хизматрасонии таҳсилот чист, шаклҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ кадомҳоянд, истеҳсоли молҳои ниёзи мардум тариқи устохонаҳои

таълимӣ, ташкили хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ, банақшагирӣ, мақсад ва ташкили фаъолияти хизматрасониҳои шартномавӣ ба аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Хизматрасонии таҳсилотро ба роҳ монда метавонад, бозори хизматрасонии таҳсилот чист, шаклҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ кадомҳоянд, истеҳсоли молҳои ниёзи мардум тариқи устохонаҳои таълимӣ, хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар шароити иқтисодиёти бозоргониро ташкил карда метавонад, банақшагирӣ, мақсад ва ташкили фаъолияти хизматрасониҳои шартномавӣ ба аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозоргониро шарҳу эзоҳ дода метавонад.

**Мавзӯи 1.10. (2 соат, амалӣ). Талабот оид ба тартиби таҷҳизонидани кабинетҳои таълимӣ. Ташкили оқилонаи муҳити таълим**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Муҳити таълим чист, талаботҳои муҳити таълим кадомҳоянд, ҷиҳозонидани кабинетҳои таълимӣ чӣ гуна ба роҳ монда мешавад, оқилона нигоҳ доштан ва истифодабарии воситаҳои аёнии таълимӣ чӣ гуна аст, истифодабарии воситаҳои техникии таълим чӣ хел ба роҳ монда мешавад.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Муҳити таълим чист, талаботҳои муҳити таълимро ба роҳ монда метавонад, ҷиҳозонидани кабинетҳои таълимиро ба роҳ монда метавонад, оқилона нигоҳ доштан ва истифодабарии воситаҳои аёнии таълимӣ, воситаҳои техникии таълимро истифода бурда метавонад.

**Мавзӯи 1.11. (2 - соат). (1 - соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ).**

**Нақша ва барномаи таълимӣ**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ.**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Маълумот оид ба тартиб ва низоми таълим, низоми таълими фаннӣ чист, низоми таълими амалиётӣ, низоми фаннӣ - амалиётӣ, низоми муҳаррики машқӣ чист, низоми таълими амалиёти маҷмӯӣ.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Мафҳум оид ба тартиб ва низоми таълим, низоми таълими фаннӣ чист, низоми таълими амалиётӣ,

низоми фаннӣ - амалиётӣ, низоми муҳарики машқӣ ва низоми таълими амалиёти маҷмӯиро медонад ва шарҳ медиҳад.

**Мавзӯи 1.12. (2 - соат). (1 - соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ )Фаъолияти роҳбарони МТИК дар идоракунии ҷараёни таълиму тарбия. Принсипҳои идоракунӣ. Усулҳои идоракунӣ ва роҳбарӣ. Раванди идоракунӣ**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дастурӣ чист, маводу тавсияҳои методӣ кадомҳоянд ва чӣ хел истифода мешаванд, принсипҳои идоракунӣ чӣ хел ба роҳ монда мешавад, усулҳои идоракунӣ ва роҳбарӣ, раванди идоракунӣ.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дастуриро медонад ва истифода бурда метавонад, маводу тавсияҳои методиро истифода мебарад, принсипҳои идоракунӣ, усулҳои идоракунӣ ва роҳбарӣ, раванди идоракуниро ба роҳ монда метавонад.

**Мавзӯи 1.13. (2 - соат). (1 - соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ) Низомномаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Вазифаҳои асосии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар чист, қабул ба муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ - касбӣ чӣ гуна сурат мегирад, фаъолияти таълимии таҳсилоти ибтидоӣ - касбӣ чӣ хел ба роҳ монда мешавад, донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ - касбӣ киҳо шуда метавонанд, кормандони муҳандисию омӯзгории муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ - касбӣ, фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ - касбӣ, заминаҳои моддию техникии муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ - касбӣ, ҳамкории байналмиллалӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад***:* Вазифаҳои асосии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбиро медонад, қабул ба муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ - касбиро дар самти муайян ба роҳ монда метавонад, фаъолияти таълимии таҳсилоти ибтидоӣ - касбиро ба роҳ монда метавонад, донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ - касбӣ киҳо шуда метавонанд, кормандони муҳандисию омӯзгории муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ - касбӣ, фаъолияти молиявию

хоҷагии муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ - касбӣ, заминаҳои моддию техникии муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ - касбӣ, ҳамкории байналмиллалӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷиро ба роҳ монда метавонад.

**Мавзӯи 1.14. (2 - соат). (1 - соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ)**

**Ташхис, таҳлил ва баҳогузорӣ ба сифати дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён дар МТИК**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Баҳо додан ба сифати дониш, малакаю маҳорат ва салоҳиятҳои донишҷӯён, муносибати системавӣ ба ташхис яке аз асосҳои методологии таҳлил, мавқеъ ва нақши он дар идораи МТИК, ташхис ва таҳлили педагогӣ - ҳамчун асоси муайянкунандаи мақсад ва вазифаҳои банақшагирии фаъолияти МТИК.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Ба сифати дониш, малакаю маҳорат ва салоҳиятҳои донишҷӯён баҳо дода метавонад, муносибати системавӣ ба ташхис яке аз асосҳои методологии таҳлил маълумот дода метавонад, мавқеъ ва нақши он дар идораи МТИК, ташхис ва таҳлили педагогӣ - ҳамчун асоси муайянкунандаи мақсад ва вазифаҳои банақшагирии фаъолияти МТИК-ро ба роҳ монда метавонад.

**Мавзӯи 1.15. (4 - соат). (2 - соат назариявӣ, 2 - соат амалӣ)**

**Тарзи ташкил ва гузаронидани натиҷагирии дониш, сифат ва самаранокии таълим бо усули тестӣ аз фанни таълимӣ**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Меъёрҳои баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот чӣ гуна аст, мониторинги сифати таҳсилот чист ва чиро мефаҳмонад, меъёрҳои баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот, истифодаи тестҳои таълимӣ чӣ гуна аст.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Меъёрҳои баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилотро муайян карда метавонад, фаъолояти мониторинги сифати таҳсилотро ба роҳ монда метавонад, меъёрҳои баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилотро муайян карда метавонад, тестҳои таълимиро истифода бурда метавонад.

## 3. Масъалаҳои асосӣ ва муосири педагогӣ ва психологияи таълиму тарбия (8 соат)

**Мавзӯи 1. (4 - соат). (2 - соат назариявӣ, 2 - соат амалӣ). Муоширати психологӣ дар ҷараёни таълим**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд инҳоро донад:** Тавсифи фаъолияти якҷояи субектҳои ҷараёни таълим аз чӣ иборат аст, муошират дар ҷараёни омӯзиш чӣ гуна ба роҳ монда мешавад, муошират ҳамчун шакли ҳамкорӣ, монеаҳо ва душвориҳо дар ҳамкорӣ ва муошират дар фаъолияти педагогӣ чӣ гуна аст.

**Муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Тавсифи фаъолияти якҷояи субектҳои ҷараёни таълимро ба роҳ монда метавонад, муошират дар ҷараёни омӯзиш чӣ гуна аст, муошират ҳамчун шакли ҳамкорӣ, монеаҳо ва душвориҳо дар ҳамкорӣ ва муошират дар фаъолияти педагогиро бартараф карда метавонад.

**Мавзӯи 2. (4 - соат). (2 - соат назариявӣ, 2 - соат амалӣ). Асосҳои назарияи психологӣ ва педагогии технологияи навини таълим**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд инҳоро донад:** Конструктивизм, назарияи Л.С Вигодский «Минтақаи наздиктарини рушд», назарияи Ж. Пиаже «Рушди зеҳнии кӯдак», назарияи Ҷ. Дюи «Конструктивизм», назарияи Г. Гарднер «Назарияи гуногунии зеҳн», Таксаномияи Б. Блум «Дараҷаҳои маърифат».

**Муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Конструктивизм, назарияи Л.С Вигодский «Минтақаи наздиктарини рушд», назарияи Ж. Пиаже «Рушди зеҳнии кӯдак», назарияи Ҷ. Дюи «Конструктивизм», назарияи Г. Гарднер «Назарияи гуногунии зеҳн», Таксаномияи Б. Блум «Дараҷаҳои маърифат»-ро фаҳмонда метавонад.

## 4. Омӯзиши асосҳои технологияи иттилоотӣ (4 соат)

**Мавзӯи 1 (0,5 соат). Талаботи рӯзафзуни ҷомеа ба омӯзиш ва истифодаи технологияҳои информатсионӣ ва нақши он дар инкишофи ҷомеа.**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд инҳоро донад:** Инсон дар ҷомеаи информатсионӣ чӣ гуна фаъолият менамояд, талаботи ҷомеа ба омӯзиши технологияҳои информатсионӣ дар кадом сатҳ қарор дорад, нақши технологияҳои информатсионӣ дар рушди касбии омӯзгорон чӣ аҳамият дорад, истифодаи технологияи информатсионӣ дар таълими фанҳои муассисаҳои таълимӣ чӣ гуна ба роҳ монда шудааст.

**Муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** фаъолияти инсон дар ҷомеаи информатсионӣ, талаботи ҷомеа ба омӯзиши технологияҳои информатсионӣ, нақши технологияҳои информатсионӣ дар рушди касбии омӯзгорон, истифодаи технологияи информатсионӣ дар таълими фанҳои муассисаҳои таълимиро медонад ва метавонад.

**Мавзӯи 2. (0,5 соат). Қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва гигиенӣ ҳангоми кор бо компютер.**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд инҳоро донад:** Талаботи санитарию гигиенӣ дар ҷойи кор чӣ гуна ба роҳ монда мешавад, истифодаи асбобҳои оташхомушкунӣ ва зеридастӣ дар ҳолатҳои фавқулодда чӣ гуна истифода карда мешавад.

**Муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Талаботи санитарию гигиениро дар ҷойи кор ба роҳ монда метавонад, истифодаи асбобҳои оташхомушкунӣ ва зеридастӣ дар ҳолатҳои фавқулоддаро иҷро карда метавонад.

**Мавзӯи 3. (2 - соат). (1 - соат назариявӣ, 1 - соат амалӣ)**

**Маълумоти умумӣ оид ба СО Windows ва таъиноти он (1 соат назариявӣ, 1 соат амалӣ)**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ**

**Муовини директор оид ба таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд инҳоро донад:** Вазифаҳои системаи омилӣ аз чӣ иборат мебошанд, тарзи ба кор даровардани КФ чӣ гуна аст, равзанаи СО Windows, менюи асосии СО Windows, папкаҳои системавии равзанаи Windows.

**Муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Вазифаҳои системаи омилиро гуфта метавонад, тарзи ба кор даровардани КФ-ро иҷро карда метавонад, оид ба равзанаи СО Windows маълумот дода метавонад, менюи асосии СО Windows-ро гуфта метавонад, папкаҳои системавии равзанаи Windowspo сохта метавонад.

**Мавзӯи 4 (1 - соат). Моҳияти Internet ва истифода аз он дар раванди таълим. Почтаи электронӣ ва таъиноти он**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ**

**Муовини директор оид ба тарбияи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд инҳоро донад:** Internet - шабакаи умумиҷаҳонӣ чист, таъиноти Internet чӣ гуна аст, ҷустуҷӯ дар Internet чӣ тавр ба роҳ монда мешавад, захираҳои таълимию маълумотии сайтҳои Internet, сайтҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кадомҳоянд, почтаи электронӣ - алоқаи умумиҷаҳонии электронӣ чист.

**Муовини директор оид ба корҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Бо Internet - шабакаи умумиҷаҳонӣ кор карда метавонад, таъиноти Internet, ҷустуҷӯ дар Internetpo карда метавонад, захираҳои таълимию маълумотии сайтҳои Internet, сайтҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар карда метавонад, почтаи электронӣ - алоқаи умумиҷаҳонии электрониро тартиб дода метавонад.

## 5. Мавзӯҳои иловагии алтернативӣ

| № | Қисмҳои барнома | Миқдори соат |
|---|---|---|

| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | 10 | 4 | 6 |
| 5.1. | Фаъолияти комиссияи қабул. | 3 | 1 | 2 |
| 5.2. | Хоҷагии таълимӣ - таҷрибавӣ | 3 | 1 | 2 |
| 5.3. | Таҷҳизоти кабинети таълимӣ | 4 | 2 | 2 |

***Эзоҳ: Шунавандагон метаввонанд мавзуъҳои иловагии алтернативии нақшаи мазкур дар доираи соатҳои муайянгардида мавзуъҳои дилхоҳи худро интихоб намоянд.***

**Мавзуи 5.1. (3 - соат). (1 - соат назариявӣ, 2 - соат амалӣ). Фаъолияти комиссияи қабул.**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Ташкил ва назорати қабули ҳуҷҷатҳо дар давраи қабул ва баъди он чӣ гуна аст, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ кадомҳоянд, тартиб ва низоми қабули ҳуҷҷатҳои довталабон чӣ гуна аст, танзими ҳуҷҷатҳои донишҷӯёни соли аввал, тартиби танзими қайди донишҷуён, дафтарчаҳои имтиҳонӣ, ба ҳисоб гирифтани донишҷуёни бепарастор, бемор ва дастури Вазорати маориф ва илм доир ба ин масъала, вазифаҳои роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар ҳаллу фасли ин амал аз чӣ иборат аст, усулҳои ҷамъоварии маълумот.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Қабули ҳуҷҷатҳо дар давраи қабул ва баъди онро ташкил ва назорат карда метавонад, доир ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ маълумот дода метавонад, қабули ҳуҷҷатҳои довталабонро тартиб ва ба низом дароварда метавонад, ҳуҷҷатҳои донишҷӯёни соли аввалро ба танзим даровардa метавонад, танзими қайди донишҷуёнро ба тартиб даровардa метавонад, дафтарчаҳои имтиҳонӣ, ба ҳисоб гирифтани донишҷуёни бепарастор, бемор ва дастури Вазорати маориф ва илм доир ба ин масъаларо ба роҳ монда метавонад, вазифаҳои роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар

ҳаллу фасли ин амал аз чӣ иборат аст, маълумотҳоро бо усулҳои гуногун ҷамъоварӣ карда метавонад.

**Мавзуи 5.2. (3 - соат). (1 - соат назариявӣ, 2 - соат амалӣ).**

**Хоҷагии таълимӣ - таҷрибавӣ**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Низомномаи хоҷагии таълимию таҷрибавӣ, ташкили гурӯҳҳои таълимӣ дар хоҷагии таълимӣ - таҷрибавӣ, саҳми хоҷагии таълимию таҷрибавӣ дар тайёр намудани мутахассисони ба рақобати бозори меҳнат тобоваранда барои соҳаи аграрии ҷумҳурӣ, истифодаи самараноки хоҷагии талимию таҷрибавӣ - яке аз омилҳои дарёфти маблағҳои иловагӣ.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Оид ба Низомномаи хоҷагии таълимию таҷрибавӣ маълумот дода метавонад, дар хоҷагии таълимӣ - таҷрибавӣ гурӯҳҳои таълимӣ ташкил карда метавонад, саҳми хоҷагии таълимию таҷрибавӣ дар тайёр намудани мутахассисони ба рақобати бозори меҳнат тобоваранда барои соҳаи аграрии ҷумҳуриро гуфта метавонад, истифодаи самараноки хоҷагии талимию таҷрибавиро шарҳу эзоҳ дода метавонад.

**Мавзуи 5.3. (4 - соат). (2 - соат назариявӣ, 2 - соат амалӣ).**

**Таҷҳизоти кабинети таълимӣ**

**Талабот ба дониш ва салоҳияти муовини директор оид ба корҳои таълимӣ**

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд инҳоро донад:** Ҷойи кори омӯзгор чӣ гуна бояд бошад, таҷҳизоти махус чӣ гуна таҷҳизот ба шумор меравад, воситаҳои таълими аёнӣ чӣ гуна восита аст.

**Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:** Ҷойи кори омӯзгор ташкил карда метавонад, таҷҳизоти махсус чӣ гуна таҷҳизот ба шумор меравад ва ҷо ба ҷо карда метавонад, воситаҳои таълими аёнӣ чӣ гуна восита аст ва онҳоро дар раванди дарс истифода бурда метавонад.

## Рӯйхати адабиёт

1. Арзёбии салоҳиятнокӣ ва сатҳи касбӣ. Модули таълимӣ. Мюнхен, 2015.

2. Бекназаров М., Ёкубова М., Х. Рахимзода, С. Мухаммадиева, М. Раҳмонова Тарзи хаёти солим. Душанбе. 2002.

3. Скакун В. А.. Методика производственного обучения в схемах и таблицах. Методическое пособие. Институт развития профес сионального образования. Москва, 2001г.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2004 - 2014. Душанбе, 2003

5. Дидактикаи касбӣ. Дастури таълимӣ. (Аз таҷрибаи Олмон). Душанбе, 2008.

6. Дидактикаи ташкили корҳои лаборoторӣ. Модули таълимӣ. (мавод аз таҷрибаи Олмон. Профессор Нитхаммер.)

7. Қонуни "Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе, 2004.

8. Интихоб ва коркарди воситаҳои таълимӣ. Модули таълимӣ. (мавод аз таҷрибаи Олмон. Профессор Т. Кёлер. )

9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2005-2010» Душанбе, 2006.

10. Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои миёнаи умумии Ҷумхурии Тоҷикистон. Душанбе, 2004

11. Қоидаҳои гузаронидани имтиҳонҳои аз курс ба курс гузаронӣ ва хатм дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2006.

12. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумхурии Тоҷикистон. Душанбе,2006.

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 2007